**Суратҷаласаи №8**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-050-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзуи **«Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 – Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) аз 10 июни соли 2025

Оғози ҷаласа $14^{00}$
Анҷоми ҷаласа $17^{30}$

Шумораи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 16 нафар тасдиқ карда шудааст. Дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд ( 2 нафар – ба таври маҷозӣ иштирок намуданд).

***Раиси ҷаласа*** : д.и.т., дотсент Гафаров А.А.

***Иштирок намуданд***:

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Гафаров А.А. | д.и.т., дотсент, 6D072701 | раиси Шурои диссертатсионӣ |
| 2 | Иброгимов Х.И. | д.и.т., профессор, 6D073302 | муовини раиси Шурои диссертатсионӣ |
| 3 | Олимбойзода П.А. | н.и.т., 6D073302 | н.и.т., котиби илмии Шурои диссертатсионӣ |
| 4 | Буҳодуров Ш.Б. | д.и.т., профессор, 6D072410 | аъзои Шуро |
| 5 | Икромӣ Х.И. | д.и.х. 6D072410 | аъзои Шуро (иштироки маҷозӣ) |
| 6 | Ишматов А.Б. | д.и.т., профессор, 6D073302 | аъзои Шуро |
| 7 | Мирзозода Г.Х. | н.и.т., дотсент, 6D072410 | аъзои Шуро |
| 8 | Мухиддинов А.Р. | д.и.б., профессор, 6D072701 | аъзои Шуро |
| 9 | Мухиддинов З.К. | д.и.х., профессор, 6D072701 | аъзои Шуро |
| 10 | Набиев А.Г. | н.и.т. 6D073302 | аъзои Шуро |



Scanned with CamScanner

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11 | Ҷалилов Ф.Р. | н.и.т., дотсент, 6D073302 | наъзои Шуро |
| 12 | Шарипова М.Б. | н.и.т., дотсент, 05.18.01 | аъзои Шуро |
| 13 | Юлдашев З.Ш. | д.и.т., дотсент, 6D072410 | аъзои Шуро (иштироки маҷозӣ) |
| 14 | Яминзода З.А. | д.и.т., дотсент 6D073302 | аъзои Шуро |

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи кори диссертатсионии Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзуи **«Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 – Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ).

**Роҳбари илмӣ:**

**Шарипова М.Б.** – номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳидинов Зайниддин Қамарович** – доктори илмҳои химия, профессор, сарходими илмии озмоишгоҳи кимиёи пайвастагиҳои фаромолекулавии Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии Тоҷикистон;

**Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна** – номзади илмҳои техникӣ, мудири озмоишгоҳи Донишгоҳи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими дар ш.Хуҷанд **ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.**

**Муассисаи тақриздиҳанда** — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи химияи физикӣ ва коллоидӣ.

***Шунида шуд***:

Баромади Саидов Ҳусен Аламуродович доир ба моҳияти асосии кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 – Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ).



Scanned with CamScanner

*Баромад намуданд:*

**Аъзоёни Шурои диссертатсионӣ:** саволҳо аз ҷониби д.и.х, профессор Мухидинов З.Қ., д.и.т., профессор Иброгимов Х.И., д.и.т., профессор Муҳиддинов А.Р., д.и.т., Юлдашев З.Ш., н.и.т., Ҷалилов Ф.Р., д.и.т. Икромӣ Х.И., д.и.т. Гафаров А.А. доир ба мазмуни рисолаи илмӣ дода шуданд. Довталаб ба саволҳо ҷавобҳои мукаммал ва пурмазмун гардонид.

**Роҳбари илмии довталаб -** номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Шарипова М.Б. ба довталаб Саидов Ҳ.А. ва диссертатсияи ӯ тақризи мусбӣ дод.

Суханронии **котиби Шурои диссертатсионӣ** – н.и.т. Олимбойзода П.А. оид ба:

- хулосаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии барои ҳимоя пешбинишуда;

- хулосаи мусбии ташкилоти тақриздиҳанда – кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Хулосаи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кушоди кафедраи физикӣ ва коллоидии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 14 майи соли 2025 (протоколи № 17) муҳокима ва тасдиқ шудааст. Хулоса аз ҷониби раиси ҷаласа, номзади илмҳои химия, дотсент Суяриён Қ.Ҷ. ва муқарриз, н.и.х., дотсент Қудратова Л.Х. имзо шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Насриддинзода Э.С. тасдиқ гардидааст.

**Тақризҳои мусбии воридшуда ба автореферат:**

1. тақризи доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи технологии Кубани Ф.Р. профессор Касьянов Г.И. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

2. тақризи дотсенти Донишгоҳи давлатии аграрии Узбекистон, д.и.т., дотсент Фатхуллаев А. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

3. тақризи профессори кафедраи «Технология ва бехатарии маҳсулоти хӯрока»-и Донишгоҳи миллии аграрии тадқиқотии Қазоқистон, н.и.б., Мамаева Л. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

4. тақризи сардори Маркази ташхисии Агентии “Тоҷикстандарт”, н.и.х., дотсент Абдураҳмонозода А.Х. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;

5. тақризи и.в.дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносии муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатиии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”. Кабирзода Ҷ.Н. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст;



Scanned with CamScanner

**6.** тақризи н.и.т., дотсент, муовини аввали ректори Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии ш. Кӯлоб Қурбонзода Б.Д. Тақриз мусбӣ аст. Тақриз замима гардида аст.

Баромади **муқарризи расмӣ** - доктори илмҳои химия, профессор, сарходими илмии озмоишгоҳи кимиёи пайвастагиҳои фаромолекулавии Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Мухидинов З.Қ.**

Ҷавоби довталаб ба эродҳои тақризи муқарризи якум – **Мухидинов Зайниддин Қамарович.**

Баромади **муқарризи расмӣ** - номзади илмҳои техникӣ, мудири озмоишгоҳи кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд **Раҳмонова Ҷамилахон Абдухамидовна.**

Ҷавоби довталаб ба эродҳои тақризи муқарризи дуюм **Раҳмонова Ҷамилахон Абдухамидовна**.

**Дар муҳокима аъзоёни Шурои диссертатсионӣ баромад намуданд:** н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х., д.и.б., профессор Мухидинов А.Р., д.и.т., дотсент Юлдашев З.Ш., д.и.т. Икромӣ Х.И., д.и.т., дотсент Гафаров А.А.

Дар баромади аъзоёни Шуро муҳимияти кори таҳқиқотӣ ва дурнамои он дар Тоҷикистон ва хориҷ аз кишвар қайд карда шуд. Рисолаи илмӣ аҳамияти илмӣ ва амалии зиёд дорад, зеро ба коркарди технологияи рангҳои ғизоии табиӣ, ки солҳои охир хеле мубрам гардидааст, равона шудааст. Объекти таҳқиқот хосиятҳои табобатӣ дорад. Кори диссертатсионии Саидов Ҳ.А. ба коркарди технологияи маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи маводҳои рангкунандаи табиӣ, ки ба нигоҳдорӣ ва беҳгардонии саломатии аҳолӣ мусоидат менамоянд, мансуб аст. Қайд карда шуд, ки довталаб моҳияти кори таҳқиқотии худро сатҳи баланд муаррифӣ намуда ба эроду камбудиҳои экспертҳо ҷавобҳои пурра гардонид. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифаш сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихисоси 6D072700 – Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 - Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) аст.

Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳони комиссияи ҳисоб дар ҳайати д.и.б., профессор Мухидинов А.Р., д.и.т., профессор Ишматов А.Б., ва н.и.т., дотсент Ҷалилов Ф.Р. интихоб гардид.

Раиси комиссияи ҳисобӣ, доктори илмҳои биологӣ, профессор Мухидинов А.Р. аз натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ оид ба сарфароз гардонидани довталаб ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ маълумот манзур намуд.



Scanned with CamScanner

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонии аъзоёни шӯро: «Тарафдор» - 14, «Муқобил» – нест;  «Бетараф» – нест.

*Қарори Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-050*:

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, диссертатсияи **Саидов Ҳусен Аламуродович** дар мавзӯи **«Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ»** тибқи талаботи Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021 барои рисолаҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад, довталаб Саидов Ҳусен Аламуродович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D072700 – Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) сазовор ҳисобида шавад.

2. Ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тасдиқи хулосаи Шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор гардонидани Саидов Ҳусен Аламуродович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D072700 – Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) бо гувоҳнома муроҷиат карда шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА – 050, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Гафаров А.А..

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 050, номзади илмҳои техникӣ Олимбойзода П.А.

Имзоҳои Гафаров А.А. ва Олимбойзода П.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати ДТТ Нусратулло Раҳматулло



Scanned with CamScanner